***УДК 821.0***
***ББК 83.3(0)5***

***АШЪОРИ ИҶТИМОИИ ШОИРОНИ ҲАВЗАИ АДАБИИ ХӮҚАНД ВА ВИЖАГИҲОИ НАҚДИ ОН***

***Охунҷонова Нурихон Раҳматовна,***
*номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи забони тоҷикии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

***СОЦИАЛЬНАЯ ПОЭЗИЯ ПОЭТОВ КОКАНДСКОГО ЛИТЕРАТУРНОГО КРУГА И ОСОБЕННОСТИ ЕЁ КРИТИКИ***

***Охунджонова Нурихон Рахматовна,***
*канд.филол.наук, доцент кафедры таджикского языка ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

***SOCIAL POETRY OF KOKAND LITERARY CIRCLE AND PECULIARITIES OF ITS CRITICISM***

***Okhunjonova Nurikhon Rahmatovna,***
*candidate of philological sciences, Associate Professor of the Tajik language department under TSULBP (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *dabir77@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *доираи адабии Хӯқанд дар асри X1X , шеъри иҷтимоӣ, нақди адабӣ, Гулханӣ, Маъдани Понғозӣ, Адо, Ҳозиқи Ҳиравӣ*

*Дар мақола оҳангҳои иҷтимоӣ дар осори устодони барҷастаи назми асри X1X дар доираи адабии Хӯқанд таҳлил карда шудаанд. Таъкид карда мешавад, ки бинобар муносибати синфии адабиётшиносии давраи шӯравӣ, бисёр шоирони мутавассит ва камҳунар чун намояндагони барҷаста муаррифӣ гардидаанд. Эҷодиёти Муҳаммадшариф Гулханӣ, ки мунаққидони шӯравии тоҷик онро баландтарин нуқтаи рушди шеъри миллӣ донистанд, намунаи равшани ин иддао мебошад.*

*Айни замон, оҳангҳои иҷтимоӣ дар осори шоирони хеле болаёқат, аз қабили Адо, Ғозӣ ва дигарон аз ҷониби адабиётшиносон диққати ҷиддӣ дода нашудааст. Ба оҳангҳои эътироз алайҳи табақаи ҳукмрон, нобаробарии одамон, танқиди рӯҳониёни риёкор эътибори махсус дода мешавад.*

*Таъкид шудааст, ки дар ҳавзаи адабии асри X1X дар Хӯқанд дидгоҳҳои нави адабӣ ва принсипҳои махсуси эстетикӣ ташаккул ёфтаанд, ки мутаассифона, то ҳол объекти омӯзиши алоҳида қарор нагирифтаанд.*

***Ключевая слова:*** *кокандский литературный круг X1X века, социальная поэзия, критика стиха, Гулхани, Маʼдан Понгози, Адо, Хозик Хирави*

*Анализируются социальные мотивы в творчестве выдающихся мастеров стиха X1X века из кокандского литературного круга. Подчеркнуто, что из - за классового подхода к литературной критике в Советский период многие среднеодарённые или малоодарённые поэты были возведены в ранг стихотворцев первой величины. Ярким примером данного тезиса может служить творчество Мухаммадшарифа Гулхани, творчество которого советские таджикские критики считали высшей точкой развития национальной поэзии. При этом социальные мотивы очень одарённых поэтов, таких как Адо, Гози и других, были обойдены вниманием литературных критиков. Уделено особое внимание мотивам протеста против унижения народа правящейся прослойкой, против неравенства людей, критике лицемерия духовенства. Отмечается, что в Кокандском литературном круге X1X*

*века сформировались новые литературные воззрения и особые эстетические принципы, которые, к сожалению, до сих пор не стали объектом отдельного исследования.*

***Key-words:*** *Kokand literary circle of the XIX-th century, social poetry, criticism of verse, Gulhani, Madan Pongozi, Ado, Khozik Hiravi*

*The article dwells on social motives in the creation of outstanding masters of verse of the XIX-th century in Kokand literary circle. It is underscored that because of class approach which reigned in the literary criticism of the Soviet period many poets of no high talents were extolled to the sky of the first degree versificators, though their gift was really mediocre or even quite scanty.*

*The bright example of the given thesis can be illustrated by the creation of Muhammadsharif Gulhani whom Soviet Tajik critics considered as an apex of national poetry evolution. At the same time the social motives of very gifted poets, such as Gazi, Ado and others, were ignored. Special attention was paid to the motives of protest against humiliation of the people on the part of the ruling layer, inequality of men, clergy`s hypocrisy. It is noted that there formed new literary viewpoints and special aesthetic principles which, regretfully, haven`t been an object of separate research up to nowadays.*

Дар мақола кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки хусусиятҳои хоси шеъри иҷтимоии адабиёти асри Х1Х-и доираи адабии Хӯқанд дар намунаи эҷодиёти намояндагони бузурги он муайян гардад ва ба вижагиҳои нақди адабиётшиносии шӯравии тоҷик оид ба мавзӯи мазкур ҳаддалимкон рӯшанӣ андохта шавад.

Чӣ тавре ки маълум аст, яке аз хусусиятҳои умдаи адабиёти асри Х1Х-и ҳавзаи адабии Хӯқанд пурзӯр гардидани ҷанбаи иҷтимоӣ дар шеър мебошад, ки адабиётшиносии давраи шӯравӣ ба он диққати махсус медод.

Омӯзиши мавзӯъ ва мундариҷаи шеъри иҷтимоии шуарои ҳавзаи адабии Хӯқанд дар равшан намудани муҳимтарин нуктаҳо заминаи мусоид фароҳам меорад. Ба назар мерасад, ки маҳз мундариҷаи шеъри иҷтимоии шуарои ин давраи адабиёт таваҷҷӯҳи адабиётшиносии замони шӯравиро ба худ кашидааст. Аз ин рӯ, перомуни рӯзгор ва осори шоироне чун Ҳозиқ, Маъдан, Гулханӣ, Махмур мақолаву рисолаҳои илмӣ рӯи кор омадаанд. Саволе ба миён меояд, ки чаро маҳз шеъру шоирии шуарои мазкур аз ҷониби адабиётшиносони шӯравӣ бештар мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифта, оид ба шоирони барҷастае чун Фазлӣ, Мушриф, Адо, Акмал, Ҳотиф, Хиҷлат, Беҳҷат рисолаҳои илмии алоҳидае рӯи кор наомадаанд? Муайян намудани хусусиятҳои мавзӯӣ ва мундариҷавии шеъри иҷтимоии шуарои ин давра ҷавобгӯи ин пурсиш хоҳад буд.

Адабиётшинос Субҳон Амирқулов таъкид медорад, ки яке аз хусусиятҳои ин давраи адабиёт, пеш аз ҳама, пурзӯр гардидани ҷанбаи иҷтимоии шеъри шуарои халқӣ мебошад [1, 67]. Аз ин рӯ, ба мушоҳида гирифтани афкори иҷтимоии шуаро дар шинохти бештари ҳавзаи адабии Хӯқанд заминаи мусоид фароҳам меоварад. Яке аз шоирони халқӣ, ки маҳз бо ашъори иҷтимоии худ дар адабиётшиносии шӯравӣ маъруф гардидааст, Муҳаммадшарифи Гулханӣ мебошад.

Олимони адабиётшинос Н. Маъсумӣ, Х. Мирзозода, В. Зоҳидов, А. Қайюмов, У. Каримов ва Р.Муқимов бо назардошти нақди иҷтимоъгарои шӯравӣ таҳқиқот анҷом додаанд. Онҳо кӯшидаанд, ки афкори адабӣ-танқидии шуарои давронро бештар ба мушоҳида бигиранд. Чунин нигариш ба рӯзгор ва осори шуарои ба истилоҳ халқӣ ва танқидгарони ҳукумати подшоҳӣ чандин рисолаи илмӣ ва мақолоти илмиро рӯи кор овард, ки аз он ҷумла “Адабиёти тоҷик дар охири асри XVIII ва аввали асри XIX”-и Н. Маъсумӣ, “Қӯқон адаби муҳити”-и А. Қайюмов, “Ӯзбек адабиёти тарихидан”-и

В. Зоҳидов, “Адабиёти тоҷик дар нимаи дувуми асри XVIII ва аввали асри XIX” -и У. Каримов, “Рӯзгор ва осори Гулханӣ”-и Р. Муқимов мебошанд. Дар ин пажӯҳишҳо доварии шахсият ва осори адабӣ бо назардошти хосторҳои сиёсӣ, бахусус танқиди тундгарои иҷтимоӣ сурат гирифтаанд. Шоирони ба истилоҳ халқӣ мақоми баландтаре аз шуарои дарбор ва маддоҳ ёфтаанд. Дар ҳақиқат, истифодаи чунин равиш ба адабиётшиносон имкон намедод, ки пажӯҳиши худро дар асоси таҳқиқи ҳунармаркази осори адабӣ анҷом диҳанд. Ин метод ва дигар омилҳои мавриди зикр сабаб гардид, ки аксари шоирони мутавассит ва ё камҳунар чун намояндагони барҷастаи ин давраи адабиёт муаррифӣ гардидаанд. Мисоли равшани ин матлаб таҳқиқи рӯзгор ва осори Муҳаммадшарифи Гулханӣ мебошад. Бояд таъкид кард, ки мақоми шеъру шоирии Гулханӣ аз ҷониби намояндагони адабиёти асри XIX чун Фазлӣ ва Ҳашмат мавриди нақди мунсифона қарор гирифта буд ва онҳо бо истифода аз шеваҳои нақду наққодии суннатӣ ҳунари паст ва шеъри заифи Гулханиро ёдрас карда буданд. Ҷолиб ин аст, ки маҳз ҳамин шоир дар нақди адабии замони шӯравӣ яке аз шоирони озодандеш ва барҷастаи даврон муаррифӣ шудааст. Дар нақди адабии шӯравӣ як ғазали Гулханӣ ва “Зарбулмасал”-и ӯ нуқтаи баланди эҷодиёти шоир эътироф карда мешавад. Ҳамчунин, эҷодиёти Гулханӣ инъикоскунандаи вазъи сиёсиву иҷтимоии ҳамон давраи адабиёт шинохта мешавад. Ғазали мазкур чунин оғоз мегардад:

*Ҳазратум, аз гушнагӣ мурдум, ба ман нунум бидеҳ,*
*Кофирум, гуюм агар инум бидеҳ, унум бидеҳ.*
*Гандуму мошу биринҷам деҳ, ки даркорӣ ҳам ӯст,*
*Ман намегуюм ақиқу лаълу марҷонум бидеҳ [11, 398].*

Дар ин ғазал, ки ду байти он оварда шуд, арзишҳои ҳунарӣ хеле заифанд. Ҳаҷви шоир аз доираи шикоятҳои шахсӣ берун набаромадааст. Мазмуни иҷтимоии шеър низ хеле паст аст. Аммо, дар нақду баррасии адабиётшиносони тоҷик ва ӯзбек маҳз ҳамин ғазал мақоми адабии шоирро барҷаста ба намоиш меоварад. Дар мавриди ҳамин ғазал Носирҷон Маъсумӣ мегӯяд: “Шеъри мазкурро аввалин садои назми гражданӣ-иҷтимоии Гулханӣ шуморидан мумкин аст, ки дар он тартиботи давлатдории Фарғона ва муносибати қадрношиносонаи аҳли ҷоҳу давлат нисбат ба фидоиён ва одамони бомаърифат тамасхуромезона фош карда мешавад” [8, 58]. Ин андешаҳои Носирҷон Маъсумӣ чунонки гуфтем, дар доираи меъёрҳои нақди материалистии замони шӯравӣ ва бахусус нақди марксистӣ, ифода гардидаанд. Мулоҳизоти Маъсумӣ нисбат ба Гулханӣ саропо аз назариясозиҳои қолабӣ ва тавсифӣ иборат мебошад.

Адабиётшиносони дигар, ки дар боло зикрашон рафт, ҷойгоҳи адабии Гулханиро маҳз дар пурқувват будани ҷанбаи иҷтимоии шеъраш дониста, ӯро яке аз шуарои барҷастаи халқӣ ва ошкорбаёни замон муаррифӣ кардаанд. Мазмуну мундариҷаи асосии ашъори иҷтимоии Гулханиро метавон аз ҳамин ғазал ва асари “Зарбулмасал”- и ӯ муайян намуд. Дар эҷодиёти шоир бештари вақт шикоят аз тақдир, норизо будан аз сарнавишт, танқиди иҷтимоии замон, мақоми паст доштани аҳли адаб, бечорагиву қашшоқӣ, фақру фақирӣ, навмедиву нотавонӣ ва монанди ҳамин мавзӯъҳо бо маҳорати на он қадар баланд ба риштаи тасвир даромадаанд.

Ҳозиқи Ҳиротӣ аз ҷумлаи шоирони боистеъдоде мебошад, ки ашъораш ҷанбаи иҷтимоии пурқувват дорад. Дар бораи рӯзгор ва осори Ҳозиқ бархе аз адабиётшиносон чун Усмон Каримов ва Субҳон Амирқулов андешаҳои ҷолиб баён доштаанд [3; 4].

Аз иттилооти сарчашмаҳои таърихиву адабӣ бармеояд, ки Ҳозиқ яке аз шоирони барҷастаи замони худ будааст. Дар ин маврид тазкиранигори замони ӯ Фазлии Намангонӣ чунин гуфтааст:

*Ба фанни сухан ганҷи фарзона аст,*
*Валекин аҷаб марди девона аст.*
*Қаландармизоҷ асту девонахӯст,*
*Вале дар фунуни сухан тозагӯст [11, 144].*

Мундариҷаи ашъори иҷтимоии ин шоири тозагӯро, пеш аз ҳама, танқиди иҷтимоии замон, баёни нобаробариҳои даврон, танқиди шоирпешаҳои беҳунар, вораста будан аз ҳама гуна тааллуқот ва ғайра ташкил медиҳад. Ба назар мерасад, ки яке аз мавзӯъҳои асосии шеъри иҷтимоии шоир, пеш аз ҳама, танқиди аҳли тамаъ, бехирадон, завқпастон ва монанди ин шахсиятҳои пастфитрат мебошад, ки сабабгори ҳамагуна бадбахтиҳо дар ҷамъият мебошанд. Дар ин маврид Ҳозиқ мефармояд:

*Ҳозиқ, магӯ ба бехирадон рози ишқро,*
*Аз анбару абир кашад гову хар чӣ ҳаз? [11, 222]*

Аз андешаҳои шоир метавон пай бурд, ки мавсуф ҳамеша ба аҳли мансабу ҷоҳ, ки донишу хирад надоранд, нафрат дорад. Чунончӣ:

*Дилам аз бетамизиҳои абнои замон хун шуд,*
*Набудӣ кош лавҳи хотирамро нақши идроке [11, 207].*

Дар мавриди дигар чунин таъкид медорад, ки:

*Аз он касе, ки расидаст нав ба мансабу давлат,*
*Тамаъ мадор, ки гови назода шир надорад [11, 207].*

Ҳозиқ дар зиндагӣ аз камбизоатӣ азоб кашидааст ва яке аз мавзӯъҳои ашъори иҷтимоии ӯ мазаммати нодориву бепулӣ эътироф намудани симу зар аст. Дар яке аз ғазалҳояш мегӯяд, ки:

*Симу зар таҳсил кун, гар обрӯ мехоҳадат,*
*Обрӯе дар ҷаҳон кай беҳтар аз симу зар аст [11, 207].*

Ё ки:

*Метавон бо зар Худоро ҳам зи худ хушнуд сохт,*
*Зар Худоро чун хуш ояд, пас чӣ ҳарфи дигар аст [11, 207].*

Албатта, ба чунин тарз ифода намудани вазъи иҷтимоии замон аз ҳолати воқеии шоир аст. Чунончӣ қайд гардид, Ҳозиқ дар мавриди муқаллидону шеършиносон ва шоирпешаҳои беҳунар борҳо забони танқид кушодааст. Дар аксари ашъори шоир ин мазмун ба назар мерасад, ки ӯ ба шеъру шоирӣ ва адабиёти асил эҳтироми беандоза дошта, шоириро пешаи ҳар шахси тасодуфӣ намедонад. Аз ҳамин рӯ, таъкид медорад, ки:

*Мадузд аз шеъри мардум нақди мазмун,*
*Миси худро макун з-он зар дигаргун [11, 188].*

Дар маҷмӯъ, мундариҷаи ашъори иҷтимоии Ҳозиқ аз матолибе мисли тамаъкор набудан, танқиди бехирадиҳо ва пастфитратиҳои аҳли ноқобили замон, дарёфт ва зикри навоқиси сохти иҷтимоии замон, баёни нобаробариҳои қишри ҷомеа, тасвири ҳаёти сахту сангини аҳли илму маърифат, ба эҳтиром расидани аҳли иззу ҷоҳ, тамаъкории бархе аз суханварон, бераҳмиҳои аҳли дарбор ва дигар масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ таркиб ёфтааст.

Ҳозиқ аз шумори он шуароест, ки шеъри иҷтимоиро дар замони худ хеле ҳунармандона гуфта, ҳам дар накди адабии замони худ ва ҳам дар нақди шӯравӣ эътироф гардидааст.

Аз мазмуну мундариҷаи ашъори Ҳозиқ метавон пай бурд, ки мавсуф ҳамеша шикояти худро аз вазъи замон бо камоли устодӣ баён медоштааст. Маҳз ошкорбаёнӣ ва

озодандешии шоир сабаби қатли ӯ шудааст. Вежагиҳои ҳунарии шоир дар эҷоди шеъри иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, дар баёни мушаххас ва бадеияти баланд доштани сухани ӯ зоҳир мегардад. Дар мавриди ҳунари волои сухангустарии ӯ Фазлӣ борҳо забони таърифу таҳсин кушодааст. Шеъри Ҳозиқ хусусиятҳои зиёде дорад, ки аз шеъри шуарои дигар фарқ мекунад. Унсурҳои тасвирсози шоир ашёву ҳодисаи ҳамарӯза буда, аммо баъди дар шеър ворид гардидан ифодакунандаи маънии баланд мешаванд. Яъне, дар шеъри Ҳозиқ тасвири барҷастаи ашё ва ҳодисаву рӯйдодҳои гуногун, ҳолатҳои мухталифи руҳиву равонии инсон ҳунармандона ба қалам омадаанд:

*Баски масти бодаи ҳирсанд абнои замон,*
*Табъашон хуни падар аз шири модар мекашад [5,143].*

Танқиди хеле сахти аҳли замон, маҳз маҳсули диду назар ва ҳунари шоир мебошад. Шоир бо як ифода назми одиро ба шеъри дилпазир табдил медиҳад. Чунончӣ:

*Бешуурон он қадар дар шеър печиданд, ҳайф,*
*Дар сухан акнун маро нанг аст, дар ашъор ор [5, 145].*

Агар ифодаи "дар ашъор ор" набуд, ин байти шоир он қадар хушсадо намешуд.

Танқиди шуарои беҳунару сифлатабъони шоирпеша аз мавзӯъҳои марказии ашъори иҷтимоии Ҳозиқ ба шумор меояд. Албатта, танқиди шахсиятҳои беҳунар дар шеъру шоирӣ аз ҷониби Ҳозиқ ба лафзи қабеҳу дашном тасвир наёфтааст. Дар ин маврид, агар ашъори ҳаҷвӣ ва танқидии Махмурро ба ҳамин гуна ашъори Ҳозиқ ба муқоиса бикашем, маълум мешавад, ки Ҳозиқ ҳаргиз накду танқиди худро беҳунарона пешкаш накардааст:

*Зи асбоби ҷаҳон то нагзарӣ озода, кай гардӣ,*
*Ҳамин як сӯзан охир гашт хори раҳ Масеҳоро.*
*Чу нақши қуръаи рамл ар кушоӣ дидаи ибрат,*
*Ту ҳам дар сафҳаи имрӯз хонӣ дарси фардоро.*
*Чӣ бешармист, аҳли фазлро эрод мегирад,*
*Ба ҳарфи беғалат он хар, ки нашносад зи хор "о"-ро.*
*Ҷазои ҳар амал дорад мукофоте зи пай, Ҳозиқ,*
*Шикастан дар дукони шишасозӣ бурд хороро [11, 55].*

Мебинем, ки Ҳозиқ ҳамчун мутафаккире баъзе ҷараёнҳои замони худро устодона ба тасвир мекашад. Мавсуф таъкид медорад, ки озодӣ ба маънои том ҳамон вақт ба инсон насиб мегардад, ки ӯ аз тамоми асбоби ҷаҳон дил бардорад. Барои тасдиқи андешааш аз қиссаи Масеҳо талмеҳи оличанобе месозад. Дар байти баъдӣ шоир андешаи фалсафии худро баён медорад, ки ин ҳам бо сухани зебо ва баёни ҳунармандона ифода гардидааст. Шоир таъкид медорад, ки ба дидаи ибрат назар афкандан ба дарси зиндагӣ, василаест барои донистани чигунагии фардо. Ба назар мерасад, ки Ҳозиқ бештар дар ифодаи афкори фалсафӣ ва ишқиву иҷтимоӣ дасти тавоно дошта, пайрави муваффақе дар сабки Бедил будааст. Мутаваҷҷеҳ гардидан ба ашъори лирикии шоир низ ҳунару истеъдоди ӯро ба намоиш меоварад. Чунончӣ:

*Нигори ман зи ҳино кард то нигор ангушт,*
*Гирифт гул ба даҳан дар чаман зи хор ангушт.*
*Ба сурати дилу пайкори ёр хоҳад буд,*
*Чу лола сар кашад аз хоки ман чаҳор ангушт [11,154].*

Тасвири ҳолати ошиқӣ бо ин ҳунармандӣ шаҳодат бар он дорад, ки мавсуф намояндаи барҷастаи адабиёти қаламрави Мовароуннаҳр дар асри XIX мебошад.

Намояндаи дигари шеъри иҷтимоии ин даврон Ғозӣ мебошад. Мавсуф аз шоирони ҳунарманди ҳавзаи адабии Хӯқанд буда, аз худ ашъори арзишманде боқӣ гузоштааст. Дар мавриди шахсият ва шеъри ӯ тазкиранигор Фазлии Намангонӣ чунин ёдовар шудааст:

*Чу Ғозӣ, ки дар корзори сухан*
*Ба теғи забон буд лашкаршикан.*
*Ба олам алам буд дар илму фан,*
*Гузашт аз ҷаҳон, монд аз вай сухан.*
*Сафар кард аз олами бемадор,*
*Ғазал монд аз ӯ дар ҷаҳон ёдгор.*
*Зи файзи сухан гӯраш обод бод,*
*Ки аз дӯстон рӯҳи ӯ шод бод [11, 134].*

Эътирофи Ғозӣ аз ҷониби Фазлӣ нишони ҳунармандии ӯ дар шеъру шоирӣ мебошад. Девони шоир дар шуъбаи дастхатҳои китобхонаи Академияи илмҳои Ӯзбекистон таҳти № 121 нигаҳдорӣ карда мешавад. Аз ашъори мавсуф маълум мешавад, ки ду писари ӯ аз бемории чечак (бемории пуст) вафот кардаанд. Чунончӣ:

*Афсӯс, ду фарзанди мани зор бимурд,*
*Дилро ба ғаму меҳнату андӯҳ супурд.*
*Ҷустанд зи ман соли вафоташ, гуфтам:*
*“Чечак чу баромаду ду фарзандам мурд” [6, 17].*

Ҳамин ғаму андӯҳи хонаводагии шоир низ ба ашъори иҷтимоии ӯ бетаъсир набудааст. Аз мундариҷаи ашъори ин шоир пай бурдан мумкин аст, ки ӯ бештар аз носозиҳои замон ба танг омада, майле ба танқиди аҳли дину дарбор доштааст. Шикоят аз тақдир ва нокомиҳои умр яке аз мавзуъҳои аслии шоир ба шумор меояд, ки шоир инро аз вазъи вазнини замон ва таъсири аҳли ҷоҳу мансабу дин медонад. Дар яке аз байтҳои туркии худ мегӯяд:

*Олам аҳли айшу ишрат бирла шоду бир нафас*
*Мен нучук бахти қародурменки беғам бӯлмадим [6, 17].*

Тарҷумааш:

*(Аҳли олам ҷумла дар айшанду шодон, як нафас*
*Ман чаро ин қадр бадбахтам, ки беғам нестам (тарҷ. Н.О) [6,17].*

Аз ғаму андӯҳи зиёди зиндагӣ ва нокомиҳои худ сухан гуфтани шоир аз мавзуъҳои марказии ашъораш маҳсуб мешавад. Бояд таъкид намуд, ки яке аз хусусиятҳои шеъри иҷтимоии Ғозӣ дар танқиди зоҳидони замон ошкор мегардад. Шоир мегӯяд:

*Мени, Ғозий, бу ноқис шайхларга йӯқдир ихлосим,*
*Муҳаббат муршидим, дарду аламдур хатти иршодим [6, 17].*

Тарҷумааш:

*Манам Ғозӣ, ба ин ноқисшайхон нест ихлосам,*
*Муҳаббат муршидам, дарду аламҳо хатти иршодам (тарҷ. О.Н) [6, 17].*

Ғозӣ яке аз шуарои ҳунарманди зуллисонайн мебошад, ки мавқеи танқиди диндорони риёкор дар ашъори ӯ назаррас аст. Албатта, дар замоне, ки афкори исломӣ дар ҷомеа ҳукмрон буд, гуфтани ашъори тунди бурро ва мазамматомез нисбат ба рӯҳониёни замон аз шоир ҷасорати бузурге талаб мекард. Ӯ дар мавриди дигар мегӯяд:

*Дӯш Ғозӣ зи сари панд ба зоҳид гуфто:*
*Сухани рост, ки мисвоку асо ҳар ду ғалат [7, 62].*

Дар абёти дигари шоир низ танқид ва мазаммати рӯҳониёни риёкор ба таври барҷаста тасвир гардидааст, ки метавон ин мавзӯъро яке аз мавзӯъҳои марказии шеъри иҷтимоии Ғозӣ донист. Шоир ҷасоратмандона ба зоҳид мегӯяд, ки:

*Гуфтамаш ба зоҳид дӯш аз тариқи пинҳонӣ,*
*Ҳайфи умри худ кардӣ сарфи сабҳагардонӣ [7, 65].*

Нафрати шоир ба зоҳиди риёкор беандоза аст. Аз ин рӯ, дар ин мавзӯъ ашъори зиёде гуфтааст, ки хеле ҳунармандона ба қалам омадаанд:

*Гар бубинӣ сабҳае бар дасти зоҳид, зинҳор,*
*Эҳтиёт аз каф мадеҳ, ин ҳалқаи дом асту бас [7, 68].*

Ба назар мерасад, ки шоир бо вуҷуди тангдастиҳову камбудиҳои рӯзгор аз зиндагии худ он қадар норозӣ ҳам набудааст. Дар мавриде мегӯяд, ки:

*Нест дар хотир ҳавои маснади шоҳӣ маро,*
*Бӯрё тахти Сулаймон аст дар вайронаам [7, 73].*

Ё ки:

*Сафолин соғару пашмин кулоҳу бӯрёи ман*
*Бувад Ҷоми Ҷаму тоҷи Каю тахти Сулаймонӣ [7, 65].*

Ҳамин тариқ, аз мутолиаи ашъори ин шоири ҳунарманд метавон чунин бардошт намуд, ки мавзӯъҳои меҳварии шеъри иҷтимоии ӯ, пеш аз ҳама, танқиди рӯҳониёни риёкор ва аҳли ҷоҳу мансаб буда, дар ин замина ашъори арзишманде эҷод кардааст.

Маъдани Понғозӣ низ аз шоирони баноми замон буда, равобити адабӣ бо шуарои ҳавзаи адабии Хӯқанд доштааст.

Маъдан яке аз шоирони бузурги замони худ будааст, ки аз ҷониби кулли тазкиранигорони баъд аз худ мавриди ситоиш ва эътироф қарор гирифтааст. Ашъори ӯ фарогири андешаҳои баланд буда, бо камоли ҳунармандӣ ба риштаи тасвир омадааст. Маъдан шоирест, ки бештару пештар аз ҷомеа набзи замонро медонад ва дуруст паём медиҳад. Танқиди иҷтимоӣ дар ашъори Маъдан мавқеи назаррас дорад. Мухаммаси машҳури ӯ ифодагари афкори иҷтимоӣ ва танқидии ӯ мебошад. Ин мухаммас чунин оғоз мешавад:

*Диёнат рафт, ё Раб, аз диёри мардуми Понғоз,*
*Ба дасти аблаҳон шуд ихтиёри мардуми Понғоз,*
*Ба вайронӣ муқаррар киштукори мардуми Понғоз,*
*Сагон серанд аз сайди шикори мардуми Понғоз,*
*Ки ин номардакон хасми кибори мардуми Понғоз [11, 67-68].*

Ин мухаммаси 55-мисрагӣ фарогири муҳимтарин андешаҳои иҷтимоии шоир мебошад. Яке аз хусусиятҳои ашъори иҷтимоии Маъдан дар он аст, ки бо камоли ҳунармандӣ суруда шудаанд. Маъдан ҳамеша мухолифи аҳли риё ва ҳокимони золим буда, дар ашъораш низ нисбат ба ҳама нобаробариҳои рӯзгор сухан гуфтааст. Ба назар мерасад, ки дар эҷодиёти Маъдан бештар шеъри иҷтимоӣ - фалсафӣ мавқеи чашмрас дорад, ки аз вежагиҳои хоси ашъори иҷтимоии ӯ мебошад. Чунончӣ:

*Устоди муҳаббат дили савдо задан омӯхт,*
*Аз лому алиф зулфи шикан дар шикан омӯхт.*
*Афрӯхтану сӯхтану ҷома даридан*
*Парвона зи ман, шамъ зи ман, гул зи ман омӯхт [10, 32].*

Ё:

*Ростон аз сӯҳбати каҷтинатон каҷ мешаванд,*
*Кафш гардад з-ихтилоти пои каҷ ночор каҷ.*
*Зоҳид аз каҷпечии дастор кулфат мекашад,*
*Дар ҳақиқат ранҷи хар бошад, агар шуд бор каҷ [9, 26].*

Бояд эътироф кард, ки симои манфури зоҳид дар шеъри иҷтимоии шуарои ҳавзаи адабии Хӯқанд ба таври барҷаста тасвир шудааст, ки яке аз вежагиҳои шеъри иҷтимоии

ин даврон ба шумор меояд. Зоҳидро ба хар мушобеҳ кардан ҷасорати шоирро дар зикри танқиди иҷтимоии замон нишон медиҳад. Хусусияти ашъори иҷтимоии Маъдан дар он зоҳир мешавад, ки муҳимтарин масъалаҳои ҷомеаро ошкоро баланд мегӯяд. Аз ин рӯ, маърифати шеъри ӯ дониши қавиро мехоҳад. Ашъори иҷтимоии Маъдан бори дигар собит месозад, ки дарвоқеъ, шеъри иҷтимоии тоҷик дар ҳавзаи адабии Хӯқанд рушд намуда, фарогири мавзӯоти мухталиф мебошад.

Дар ҳавзаи адабии Хӯқанд як гурӯҳи шуаро ҳарчанд дар мадҳу ситоиши Амир Умархон қалам мебардоштанд, аммо дар ашъори онҳо ҷанбаҳои иҷтимоӣ ва танқиди замон низ хеле устувор ба назар мерасад. Як нуктаи ҷолиб дар мавриди ашъори ин шуаро дар он аст, ки дар эҷодиёти онҳо танқиди замон ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ ҳунармандона тасвир шудаанд, аммо дар адабиётшиносии шӯравӣ ин гурӯҳи суханварон ҳамчун намояндагони равияи демократӣ эътироф нагардидаанд. Дар эҷодиёти онҳо мавқеъ доштани мадҳу ситоиш сабаб гардидааст, ки тасвири ҳунармандонаи иҷтимоиёти замон дар шеъри эшон мавриди таҳқиқи мунсифонаи адабиётшиносӣ қарор нагирад.

Яке аз ҳамин гуна шоироне, ки мавзӯъ ва масъалаҳои иҷтимоиро ба риштаи тасвир кашидааст, Адои Истаравшанӣ мебошад. Мавсуф аз саромадони шеъру шоирӣ дар рӯзгори худ буд. Дар ашъори Адо ҷанбаҳои иҷтимоӣ низ хеле устувор ва ҳунармандона муҷассам шудаанд. Чунончӣ:

*Корашон афтад, ғулому корат афтад, хоҷаанд,*
*Ҳоли анбои замонро хуб фаҳмидам, мапурс.*
*Дидаам хунобу ашк аз интизораш рехт-рехт,*
*Лаълу гавҳарҳо ба роҳи ваъда пошидам, мапурс.*
*Гар шудам зору заифу хаста аз бахти сияҳ,*
*Ҳамчу гесӯ аз сараш сад бор гардидам, мапурс [11, 270].*

Дар аксари ғазалҳои Адо мавзӯъ ва масъалаҳои муҳими иҷтимоӣ мавриди баррасӣ ва тасвир қарор гирифтаанд. Ба назар мерасад, ки Адо ба беадолатӣ ва нобаробариҳои замон мухолиф буда, то ҷое бо истифода аз мақому манзалати худ барои бартараф намудани бархе аз камбудиҳо дар умури давлатдории Амир Умархон мудохила кардааст.

Ба хусус, Адо барои дастгирии шуарои ҷавон дар дарбори Амир Умархон нақши боризе доштааст. Фазлии Намангонӣ ҳамеша аз ин шахсият бо васфу ситоиш ҳарф мезанад. Чунончӣ:

*Адо он сухандони олинасаб,*
*Мукаммал ба анвои фазлу адаб.*
*Асолатмаобу наҷобаттабор,*
*Заковатпаноҳу киёсатшиор.*
*Маонӣ музайян зи ашъори ӯ,*
*Латоиф мусаллам ба атвори ӯ [11, 186].*

Ашъори иҷтимоии Адо аз ҳар ҷиҳат қобили таҳқиқ ва омӯзиш мебошад, зеро Адо бо он донишу ҷаҳонбинии фарохе ки дошт, муҳимтарин нуктаҳои марбут ба иҷтимоиёти замонро ҳунармандона ба риштаи тасвир кашидааст. Танқиди аҳли риё, зоҳидони дурӯғин, нодониву ҷоҳталабии ашхоси замон, даъвогарони беҳунари шеъру шоирӣ, ҳаромхӯриву бедиёнатии афроди муайян аз мавзӯъҳои асосии ашъори иҷтимоии Адо маҳсуб мешаванд.

Танқиди замон дар ашъори шуарои мавриди назар мавқеи махсус дорад, ки омӯзиши ҳамин ҷанбаи эҷодиёти кулли шуарои ҳавзаи адабии Хӯқанд барои муайян намудани мақоми шеъри иҷтимоии тоҷик дар ин даврон мусоидат менамояд. Дар ин маврид Субҳон Амирқулов дуруст мегӯяд, ки: “Алоқамандона ба шароити мазкур ақидаҳои тозаи адабӣ ва

принсипҳои хоси эстетикӣ шакл гирифт, ки мутаассифона, ин тарафи масъала чӣ дар илми фалсафа ва чӣ дар илми адабиётшиносии тоҷик мавриди таҳқиқи ҷудогона қарор нагирифтааст” [2,63].

Омӯзиши адабиёти ба истилоҳ давраи гузариши асри XIX аз равзанаи чунин дидгоҳ муҳим ба назар мерасад. Аз ҷониби дигар, таъйини мушаххассоти ашъори иҷтимоии шуаро барои муайян намудани мақому мавқеи ҳунарӣ ва иҷтимоии аҳли адаб мусоидат менамояд.

Аксари адабиётшиносони шӯравӣ шуарои ҳавзаи адабии Хӯқандро ба ду гурӯҳ тақсим кардаанд. Гурӯҳи нахуст шуарои дарборӣ, ки қисмати зиёди осорашон ба мадҳу ситоиши Амир ва салтанати ӯ буда, аммо ашъори мухталифмавзӯъ низ сурудаанд. Гурӯҳи дигари шуарои ҳавзаи адабии Хӯқанд шуарои демократ, ки чунончӣ дар боло қайд гардид, дар адабиётшиносии замони шӯравӣ бештар ба рӯзгор ва эҷодиёти ҳамин гурӯҳи шоирон таваҷҷӯҳ зоҳир шудааст. Аз ин рӯ, перомуни ҳамин гурӯҳи шуаро таълифоти илмӣ аз ҷониби муаррихону адабиётшиносон рӯи кор омадаанд. Албатта, ин гуна тасниф бо назардошти меъёрҳои адабиётшиносии имрӯз баҳсангез менамояд, зеро аз сарчашмаҳои нодири таърихиву адабӣ ва илмӣ маълум аст, ки дар ҳавзаи адабии Хӯқанд аслан чунин гурӯҳи шуаро вуҷуд надоштанд. Ин гуна тақсимбандӣ аз адабиётшиносии шӯравии тоҷик ибтидо мегирад.

Ҳамин тариқ, яке аз масъалаҳои муҳими шинохти адабиёти ин давр дар тарзу шева ва равишҳои сиёсатзадаи таҳқиқи осори адабӣ бар тақозои сиёсати замон аст, ки осори аз назари ҳунарӣ каммоя ва аз назари танқиди иҷтимоӣ пурмояро намунаи барҷастаи осори адабӣ пиндоштааст. Ин гуна муносибат дар шинохти адабиёти давраи гузариш ҳамеша мавриди истиқбол қарор гирифтааст. Аммо омӯзиши адабиёти ин давра бо равишҳои ҷаҳонии нақду назарсанҷӣ сарфи назар шудааст.

**_Пайнавишт:_**

1. *Амирқулов, С. Адабиёти тоҷик дар нимаи аввали асри XIX: китоби дарсӣ / Субҳон Амирқулов. – Душанбе, 1980. – 289 с.*
2. *Амирқулов, С. Нигоҳе ба инкишофи таърихии адабиёти тоҷик дар Мовароуннаҳр (қарни XIX) / Субҳон Амирқулов. – Маҷмӯи мақолаҳо. – Душанбе: Ирфон, 2010. – 230 с.*
3. *Амирқулов, С. Таҳаввули жанрҳои адабиёти тоҷик дар нимаи аввали асри XIX / Субҳон Амирқулов. – Душанбе: Деваштич, 2005. – 128 с.*
4. *Каримов, У. Адабиёти тоҷик дар нимаи дуввуми асри XVIII ва аввали асри XIX: китоби дарсӣ / Усмон Каримов. – Душанбе: Дониш, 1974. – 187 с.*
5. *Каримов, Ғ. Ӯзбек адабиёти тарихи. Учинчи китоб / Ғ. Каримов. – Тошкент: Укитувчи, 1966.–280 с.*
6. *Қаюмов, А. Қӯқон адабий муҳити / А. Қаюмов. – Тошканд: УзССР ФАН, 1961.– 359с.*
7. *Қаюмов, А. Қӯқон тарихи ва адабиёти / А. Қаюмов. – Тошканд, 1998. – 230с. - Т. 1.*
8. *Маъсумӣ, Носирҷон. Асарҳои мунтахаб / Носирҷон Маъсумӣ. – Душанбе, 1980. – 320с. - Ҷ. 2.*
9. *Маъдан. Ашъори мунтахаб / Носирҷон Маъсумӣ. – Душанбе, 1966. -С. 67-68.*
10. *Маъдан, Одинамуҳаммад. Девон / Одинамуҳаммад Маъдан. – Хуҷанд: Нашриёти давлатии ба номи Раҳим Ҷалил, 2012. – 244 с.*
11. *Намангонӣ, Фазлӣ. Маҷмӯат-уш-шуаро / Фазлии Намангонӣ. –Тошканд, 1900. – 502с.*

**_Reference Literature:_**

1. *Amirkulov S. Tajik Literature in the first Half of the XIX-th Century: manual // Subhon Amirkulov. – Dushanbe, 1980. – 289 pp.*

2. *Amirkulov S. On the Development of Tajik Literature in Maverannahr in the XIX-th Century // Subhon Amirkulov. Collection of articles. – Dushanbe: Cognition, 2010. – 230 pp.*
3. *Amirkulov S. Evolution of Tajik Literary Genres in the first Half of the XIX-th Century // Subhon Amirkulov. – Dushanbe: Devashtich, 2005. – 128 pp.*
4. *Karimov U. Tajik Literature in the second Half of the XVIII-th – the Beginning of the XIX-th Century: manual // Usmon Karimov. – Dushanbe: Knowledge, 1974. – 187 pp.*
5. *Karimov G. The History of the Uzbek Literature. The third Book // G.Karimov. – Tashkent: Publishing-house of Educational Literature, 1966. – 280 pp.*
6. *Kayumov A. Kokand Literary Circle // A. Kayumov. – Tashkent: Uzbek SSR Academy of Sciences, 1961. – 359 pp.*
7. *Kayumov A. History and Literature of Kokand // A.Kayumov. – Tashkent, 1998. V.1. – 230 pp.*
8. *Masumi, Nosirjohn. Selected Works // Nosirjohn Masumi. – Dushanbe, 1980. V.2. – 320 pp.*
9. *Madan. Selected Poems // Nosirjohn Masumi. – Dushanbe, 1966. – pp. 67 – 68.*
10. *Madan Odinamuhammad. Divan // Odinamuhammad Madan. – Khujand: State Publishing-House Named after Rahim Jalil. 2012. – 244 pp.*
11. *Namangoni Fazli. Anthology of Poetry // Fazli Namangoni. – Tashkent, 1900. – 502 pp.*